Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017 назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 44

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати кори диссертатсионии Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзуи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо пешбинӣ гардидааст.**

Аҳамияти тадқиқот ба тағирёбии доимии иқтисодиёти ҷаҳон ва зарурати таҷдиди мувофиқи низоми таъмини амнияти иқтисодии мамлакат, аз ҷумла дар доираи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста аст, ки мисоли равшани чунин шароит ба танзим даровардани низоми муносибатҳои иқтисодии хориҷӣ буда, хадамоти гумруки кишвар иштирокчии фаъоли он маҳсуб меёбад. Бинобар ин, такмили низоми идоракунии гумрук дар самти таъмини рушди устувори иҷтимой-иқтисодии мамлакат, густариши минбаъдаи алоқаҳои ҷаҳонии хоҷагидорӣ ва истифодаи самараноки афзалиятҳои муносибатҳои иқтисодии берунӣ метавонад ҳамчун замина баромад кунад.

Муаллиф дар рафти асосноккунии муҳимияти мавзӯи тақиқот чунин андешаро пешниҳод намудааст: сатҳи пасти фаъолияти механизми иқтисодии идоракунии низоми гумрук мушоҳида мегардад, ки зарурати такмилдиҳии онро муайян менамояд.

Бинобар ин, дар боби аввали таҳқиқот муаллиф дар заминаи омӯзиши ақидаи олимон ва коршиносони соҳа ба баён намудани таърифи идоракунии низоми гумрук амал намуда, онро ба таври зайл таъриф менамояд: яке аз намудҳои низоми махсуси идоракунӣ дар хадамоти давлатӣ, ки бо мақсади амалигардонии ҳадафҳои иқтисодии стратегии давлат ба иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии берунӣ таъсири мақсаднок мерасонад.

Дар тадқиқот дар ҷарайёни омӯзиши муносибатҳои методологиву методӣ доир ба ташкили идоракунии низоми гумрук ва арзёбии самаранокии он қайд мегардад, ки то ҳол методи пурраи арзёбии идораи низоми гумрук коркард нашудааст. Аз ин лиҳоз, дар рафти арзёбии ҳолати муосири рушди низоми гумрук ва механизми иқтисодии идоракунии он, сохтори фаъолияти иқтисодии низоми гумрукро муайян намуда, муайян намудааст, ки амалкарди омили соҳавӣ бевосита бо он алоқаманд мебошад, ки унсурҳои низоми гумрук ҳолати рушди фаъолияти иқтисодии берунии ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳуриро муайян мекунанд, чунки онҳо агенти бахши иқтисодиёти берунӣ, пеш аз ҳама, танзимкунандаи содирот ва воридот мебошад.

Ҳамин тариқ, ӯ дар асоси омӯзиши сохтори низоми гумрук ва алоқамандии унсурҳои таркибии он, инчунин баррасӣ намудани вазифаҳои

низоми гумрук нақши идоракунии низоми гумрукро дар амалигардонии вазифаҳои стратегии иқтисодиёти мамлакат муайян кардааст.

Дар рафти тадқиқи омилҳои ба рушди низоми идоракунии гумрукӣ таъсиркунанда, дар баробари омилҳои дигар ба нақши иқтидори кадрӣ дар самаранокии фаъолияти низоми идоракунии гумрукӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, роҳҳои баланд бардоштани дараҷаи касбияти кормандон ва дар ин замина баланд бардоштани нишондиҳандаҳои самаранокии фаъолияти низоми идоракунии гумрукро асоснок намудааст. Ӯ чунин андешаронӣ менамояд, ки ҳанӯз ҳам норасоии мутахассисони баландихтисос дар соҳаи фаъолияти гумрук ва кадрҳои идоракунӣ мушоҳида мегардад ва ин масъала таҷдиди назар ба сиёсати кадрии низоми гумрукро тақозо менамояд. Дар таваҷҷуҳ ба ҳассосияти масъала барои коркарди стратегияи рушд ва сиёсати кадрӣ алгоритми дар бар гирандаи марҳилаҳо пешниҳод гардидааст.

Дар боби сеюми тадқиқот дар натиҷаи коркарди нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии идоракунии низоми гумрук алгоритме пешниҳод гардидааст, ки равандҳои таъминоти иттилоотии идоракунии низоми гумрук, ташаккули низоми нишондиҳандаҳо ва инчунин меъёрҳои баҳогузории самаранокии идоракунии низоми гумрукро ифода намуда, алоқамандии унсурҳои низоми нишондиҳандаҳои баҳогузории фаъолияти низоми гумрукро дар бар мегирад.

Дар таҳқиқоти ба сифати яке аз омилҳои таъсиррасон ҳолати истифодаи технологияҳои рақамӣ оварда шудааст, ба андешаи мо тадқиқоти илмӣ боз ҳам такмил меёфт агар муаллиф доир ба ҳолати ҷории истифодаи технологияҳои рақамӣ дар низоми идоракунии гумрукӣ мамлакат ва самарбахшии онро васеътар тадқиқ менамуд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Турсунов Хушруз Муталибович дар мавзӯи «Такмили механизми идоракунии низоми гумруки Тоҷикистон» тадқиқоти ба анҷом расонидашуда ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй мебошад ва муаллифи он Турсунов Хушруз Муталибович ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.04 - Ташкил ва идоракунии корхонаҳо, низомҳо ва комплексҳо сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
**мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон, д.и.и., дотсент** **Б.М. Ҷумъаев**

**Суроға:** Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5. Тел: (+992 37) 234-88-00

30.08.2023

Имзои Ҷумъаев Баҳовиддин Маҳмадназаровичро - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони «ДБСТ»-ро тасдиқ менамоям.

Мудири шӯъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Ҷӯраев Ш.Н.